**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Саидзода Муҳаммад Раҳим дар мавзӯи: «Арзёбии экологии ҳосил намудани сузишвории биологии биоэтанол ва истифодашавии он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология**

Саидзода Муҳаммад Раҳим 14 майи соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Соли 2014 гимназияи №74-и н. Фирдавсии шаҳри Душанберо хатм намудааст. Соли 2014 ба факултети «Менеҷмент ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил шуда, соли 2018 донишгоҳи номбурдаро аз рӯи ихтисоси «Ташкили интиқол ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ», дараҷаи бакалаври техника ва технология хатм намудааст. Соли 2018 ба шуъбаи магистратураи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ ба ихтисоси «Сохтмони роҳҳо ва фурудгоҳҳо» дохил шуда, соли 2020 онро хатм намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2021 дар КВД «Душанбенақлиётхадамотрасон» ба ҳайси мутахассиси пешбар фаъолият намудааст. Солҳои 2021 - 2022 дар КВД «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ»-и назди Вазорати нақлиёт ҳамчун мутахассиси пешбар кору фаъолият намудааст. Аз соли 2023 то соли 2024 дар МД «Коллеҷи технологи»-и ш. Душанбе дар вазифаи декани факултети «Технологияҳои нассоҷӣ ва дузандагӣ» кору фаъолият кардааст. Аз соли 2024 то ҳол дар ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети «Иқтисодиёти соҳаҳо ва идора» кору фаъолият намуда истодааст.

Тибқи фармоиши таҳти №12-3/4 аз 18 январи соли 2021 то соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи «Ташкили интиқол ва идора дар нақлиёт»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст. Дар давраи муқарраршудаи таҳсил барномаро бомуваффақият аз худ намуд ва диссертатсияи номзадиашро дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сузишвории биологии биоэтанол ва истифодашавии он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология ба муҳокима пешниҳод намуд.

Саидзода Муҳаммад Раҳим соҳаи таваҷҷуҳи илмии худро ба омӯзиши масъалаҳои «Арзёбии экологии ҳосил намудани сузишвории биологии биоэтанол ва истифодашавии он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» нигарондааст.

Саидзода Муҳаммад Раҳим татбиқи натиҷаҳои диссертатсияи худро амалан дар тамоми марҳилаҳои тадқиқот (солҳои 2018-2025) гузаронидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар форумҳо ва конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмию амалӣ баррасӣ ва муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, дар конференсияҳо байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (2022-2025), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2024), Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2025), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (2024), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (2025), Донишкадаи политехникии Фарғона ва Донишгоҳи давлатии меъморӣ-сохтмонии Самарқанд (2022–2025гг.) Ҷумҳурии Узбекистон ва ғ.

Вобаста ба натиҷаҳои тадқиқот 19 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 9,5 ҷ.ч., нашр гардидааст, ки аз ин шумора 12 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расонидааст.

Маводи диссертатсия дар Раёсати экология ва сайёҳии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади №426 аз 09.10.2025) ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (санади №27/1018/1 аз 14.10.2025) мавриди тадбиқ ва истифода қарор дода шудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, вазифагузорӣ ва таҳлили вазифаҳои гузошташуда, ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои эксперименталии озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ ва таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ Саидзода Муҳаммад Раҳим фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии тайёр кардаи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ кори илмӣ-таҳқиқотии аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои равишҳои нави «Арзёбии экологии ҳосил намудани сузишвории биологии биоэтанол ва истифодашавии он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ», дорои навигариҳои илмӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Саидзода Муҳаммад Раҳим мақсад ва вазифаҳои дар навиштани кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Саидзода Муҳаммад Раҳим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
Доктори илмҳои техникӣ,
иҷрокунандаи вазифаи профессори
кафедраи ташкили интиқол
ва идора дар нақлиёт,
Сардори маркази такмили ихтисоси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Сайдализода А.С.

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Фирдавси 38, ҳуч. 16.
Тел.: (+992) 919584238, E-mail: abdurauffohakov68@gmail.com

Имзои д.и.т., и.в. профессор Сайдализода А.С. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.